«Тасдиқ мекунам»
Директори генералии ТҶБ
“Маркази рушди зеҳнӣ”
_________Додхудо Шарифзода
“31” августи соли 2024

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “100 ЧЕҲРАИ МУВАФФАҚ” дар соли 2024

ДУШАНБЕ 2024

# Низомномаи
# Озмуни ҷумҳуриявии "100 чеҳраи муваффақ" дар соли 2024

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Озмуни ҷумҳуриявии «**100 чеҳраи муваффақ**» дар соли 2024 бо мақсади ҳавасмандӣ ва қадршиносӣ ва муаррифии чеҳраҳои касбу кори гуногун, ки давоми сол Тоҷикистонро дар дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ кардаанд, дастовардҳои назаррас доранд, ҷиҳати пешрафт ва рушду нумуъи соҳаи худ саҳм гузоштаанд баргузор шуда, ғолибон бо ҷоизаҳои Кумитаи тадорукот қадрдонӣ мегарданд.

1.2. Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии «**100 чеҳраи муваффақи футболи тоҷик**» (минбаъд-Озмун) зери унвони «**100 чеҳраи муваффақ**» дар соли 2024 тартиби баррасӣ, тарзи ташкил ва баргузории Озмун, талабот ба иштирокчиён, меъёри арзёбӣ ва мӯҳлати баргузории озмунро ба низом медарорад. Комиссия барои муайян намудани ғолибони Озмун аз рӯйи он амал мекунад.

1.3. Баргузоркунандаи Озмун: ТҶБ "Маркази рушди зеҳнӣ" ба шумор рафта, (минбаъд-Ташкилот) механизми ташкил ва баргузор намудани Озмунро ба роҳ мемонад.

1.4. Зери мафҳуми «**100 чеҳраи муваффақ**» шахсиятҳои алоҳида ё роҳбарони корхона, Вазорату идораҳо, кормандони онҳо, хизматчиёни давлативу ҷамъиятӣ, варзишгарон, ҷавонону ихтирокорон, ғолибони Озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва тарғибгарони ғояҳои миллӣ аз рӯи номинатсияҳои дар ҳамин Низомнома овардашуда ба дастовардҳои таърихӣ сазовор гардида, баҳри рушди соҳаҳои худ корҳои бузург анҷом додаанд.

## 2. Ҳадафҳои Озмун

2.1. Дарёфт ва ҳавасманд кардани чеҳраҳои муваффақи касбу кори гуногун.
2.2. Ҷалб ва зери таваҷҷуҳ қарор додани чеҳраҳои муваффақ;

2.3. Ҳавасманд намудани фаъолону номоварон;

2.4. Баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва рӯҳияи онҳо;

2.5. Муаррифии чеҳраҳои мондагори ба ҷомеаи кишвар;

2.6. Муайян намудини ғолибони Озмун ва мукофотонидани онҳо бо туҳфаҳои хотиравӣ ва молӣ аз ҷониби Ташкилот.

**4. Иштирокчиёни озмун**

4.1. Дар Озмун шаҳрвандони синни аз 18 сола боло, ки то имрӯз, барои рушду пешрафти соҳаи худ саҳм гузоштаанд иштирок карда метавонанд.

4.2. Иштирокчиёни Озмун метавонанд тавассути корхонҳои фаъолиятдоштаи худ ва ё ихтиёран ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва тасдиққунандаро ҷиҳати иштирок дар Озмун ба ҳайати Коммисияи Озмун тариқи почтаи электронии: cid2211@mail.ru ва ё ба Watsapp ва Telegram ба рақамҳои (+992 788 99 99 93) пешбарӣ кунанд.

4.3. Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин баргузор мешавад:

**I) Мaориф ва илм** – дар номинатсияи мазкур омузгороне иштирок карда метавонанд, ки таҷрибаи кории на кам аз 5 сола дошта айни замон ба фаъолияти омузгорӣ машғул бошанд. Дар рафти рафти фаъолият интизоми намунавӣ дошта шогирдони онҳо дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштироки фаъолона ва соҳиби ҷойҳои намоён гашта бошанд. Худи омӯзгор низ дастовардҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, дастовардҳои соҳавию байналмилалӣ дошта бошад, бартарият дода мешавад. Ҳамчунин омузгороне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият доранд, рисолаҳои ҳимоякардаашон актуалӣ ва ба талаботи замон ҷавобгуй бошад, дар истеҳсолот истифода шавад, дорандагони Ҷоизаҳои давлатию байналмилалӣ бошанд, соҳиби китобҳои дарсию монографияҳои илмӣ бошанд, метавонанд, иштирок намоянд. (Ҳуҷҷатҳоро метавонанд тавассути намунаи анкета-Замимаи 1 пур кунанд.)

**II) Ҷавонон ва варзиш** – хонадагони синни 14 сола боло метавонанд иштирок кунанд. Агар онҳо хонандагони мактаб, донишҷӯён ва кормандони ҷавони ину он вазорату идораҳо ва сохторҳои дигар дар давоми фаъолият ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, Тоҷикистонро дар дохил ва хориҷ аз кишвар муаррифӣ кардаанд, иштирокчии олипиадаву озмунҳои мухталифи ҷумҳуриявию байналмилалиад имтиёзҳои зиёдтар дода мешавад. **(Анкета-Замимаи 1.)** Варзишгароне, ки дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ баромад намуда соҳиби ҷойҳои намоён гаштаанд, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кардаанд, дар 1 соли охир соҳиби натиҷаи баланди варзишӣ гашта бошанд,метавонанд дар Озмун иштирок намоянд.

**III) Фарҳанг, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ** – дар ин номинатсия тамоми қишрҳои ҷомеъа, ки ҷитҳати рушду нумуъи фарҳанги миллӣ ва ҳунарҳои милливу мардумӣ саҳм доранд, дар таблиғу ташвиқи фарҳанг ва рушди ин соҳа хизмат мекунанд метавонанд иштирок кунанд. Ҳамзамон ҶДММ, бемористону табобатгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳои хусусию давлатӣ, ки ҷиҳати

рушди соҳаи сайёҳӣ хизмат мекунанд, дар таблиғи маконҳои диданиву сайёҳӣ фаъолнад метавонанд ба Комиссияи Озмун ҳуҷҷат пешниҳод намоянд.

**IV) Санъат ва ҳунар** – дар ин номинатсия тамоми аҳлу санъату ҳунар метавонанд иштирок кунанд. Аммо ба санъаткорону ҳунармандоне, ки давоми сол эҷодиёти онҳо байни мардум хит шуда бошад, навору барномаҳояшон бинандаву шунавандаи зиёд дошта бошад, ҷомеъаи шаҳрвандӣ бишносад ва эҳтироашон кунанд, дар чорабиниҳои давлатию ҷамъиятӣ фаъол бошанд, дастовардҳои давлтию байналмилалӣ дошта бошанд, зиёдтар ба назар гирифта мешавад.

**V) Ихтирокорву барномасозӣ** – дар ин номинатсия тамоми ихтирокорону барномасозон, ки истеҳсолоту барномаҳои онҳо дар истеҳсолот истифода мешавад, метавоанд иштирок кунанд. Нахустпатент, Шаҳодномаи ихтироотҳо дохилӣ ва хориҷӣ барои иштирокчиёни ин номинатсия имтиёзӣ зиёдтар медиҳад.

**VI) Соҳибкорӣ** – тамоми нафароне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд метавонанд иштирокчии ин Озмун бошанд. Аммо зиёдтар ба онҳое имтиёз дода мешавад, бунёди ҷойҳои нави корӣ, таъмиру азнавсозӣ ва бунёди корхонаҳои калони саноатию маишӣ ва давлатию ҷамъиятӣ саҳми арзишманд доранд имтиёзи зиёдтар дода мешавад.

**VII) Журналистика** – Донишҷӯёни факултети журналистика, кормандони ВАО, телевизиону радио ва матбуот метавонанд дар Озмуни мазкур иштирок намоянд. Ба рӯзноманигороне, ки маводҳои нашрменамудаашон дорои шумораи зиёди бинандашо бошад, нутқи бурро ва қалами хуб дошта бошад, барномаҳои муаллифиаяш ҷолибу диданӣ бошад, ҷомеъаи шаҳрвандӣ шиносад ва эътироф кунанд, дар набрдҳои иттилоотӣ ҷиҳати таблиғи манфиатҳои миллӣ фаъол бошанд имтиёзҳои зиёдтар дода мешавад.

**VIII) Иқтисод ва молия** – кормандони сохтори бонкӣ, молия ва дигар корхонаву идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар низоми молия ва иқтисод кор мекунанд метавонанд иштирокчии Озмун бошанд. Ба бонкҳое, ки давоми соли гузашта шумораи зиёди мизоҷон доштанд, мардум аз кори онҳо изҳори қаноатмандӣ дошт, имтиёзҳои сабук баҳри мардум роҳандозӣ карданд, ба буҷети давлатӣ манфиатовар буданд, дар йаъмини амнияти молиявии кишвар саҳм доштанд имтиёзҳои зиёдтар доранд.

**IX) Тарғиби ғояҳои миллӣ** – шаҳрвандони алоҳида, кормандони вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар таблиғи ғояҳои миллӣ, андешаҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва мубаризаҳои иттилоотӣ фаъолнд интихоб ва қадрдонӣ мешаванд.

**X) Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ** – кормандони сохторҳои қудратӣ, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи амнияти давлатӣ ва якпорчагии Ватан саҳм доранд метавонанд иштирокчии ин Озмун бошанд. Ба кормандоне, ки дар пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, гардиши қайриқонунии маводи мухаддир, пешгирии амалҳи ифротиву терористӣ ва экстремистӣ ва диагр навъи қонуншиканиҳо даст доранд имтиёз дода мешаванд.

**XI) Хизмати давлатӣ** – хизматчиёни давлатии категорияҳои гуногун, ки дар низоми хизмати давлтӣ фаъолият доранд метавонанд иштирок кунанд. Дар ин

номинатсия ҳамчунин бо пешниҳоди ҷомеъаи шаҳрвандӣ кормандони фаъоли ин низом интихоб мешавад. Нафарони алоҳида низ бо пур кардани анкета ва пешниҳоди дастоварду фаъолияти назарраси худ метавонанд иштирокчии ин Озмун бошанд. Ба роҳбарону кормандони навъовар, фаъолу ташаббускор ва бунёдкор имтиёз дода мешавад.
**XII) Тандурустӣ –** дар ин номинатсия кормандону Роҳбарони беморхонаҳову марказҳои саломатии давлативу ғайридавлатӣ ва донишгоҳу коллеҷҳои тандурустӣ метавонанд иштирок кунанд. Муассисаҳое, ки давоми соли гузашта хизмтарасонии сатҳи баланд доштанд, ҷомеъа аз кори онҳо иҳҳори қаноатмандӣ дорад метавоанд иштирок кунанд. Ғолибони ин номинатсия бо пешниҳоди мардум ва ъулосаи ҳайати Комммисия муайян мегарадад.
**XIII) Блогерон –** Блогерон ё истифодабарандагони шабкаҳои иҷтимоӣ, ки шумораи зиёди обуначӣ доранд. Ролику наворҳои паҳнкардаашон таорбиявӣ ва пурмаъно бошанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштироки фаъолона дошта бошад, ҷиҳати таблиғи дастовардҳои кишвар саҳмгузор бошанд, метавонанд иштирок кунанд.
**XIV) Ҳамватанони бурунаэмарзӣ –** Тоҷикони муқими кишварҳои дигар, кормандони сафорату консулгариҳо, ва донишҷӯёни дар хориҷи кишвартаҳсилдошта метавонанд дар ин номинатсия иштирок кунанд. Номзадҳо бояд дар хориҷ аз кишвар ҷиаҳти муаррифии Тоҷикистон, фарҳангу анъана, урфу одат ва маконҳои таърихию сайёҳӣ саҳмгузор бошанд. Тоҷикистонро муаррфӣ намоянд.
**XV) Футбол –** Номинатсияи мазкур ба хотири гиромидошти Пешниҳодти Президенти ФФТ муҳтарам Рустами Эмомалӣ вобаста ба гиромидошти рузи футбол ворид карда мешавад. Номзадони номинатсияи мазкур ҳам тариқи пешниҳоди ҷомеъаи шҳрвандӣ ва ҳам тариқи пешниҳоди ФФТ интихоб ва муайян карда мешаванд.

## 5. Комиссияи Озмун

5.1. Барои баҳодиҳии иштирокчиёни Озмун комиссия (минбаъд-комиссияи озмун) таъсис дода мешавад, ки ҳайати он ва шумораи он бо фармоиши Директори Генералии Ташкилот тасдиқ мегардад.
5.2. Салоҳияти Комиссияи Озмун:
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳоти муфассал оид ба Озмун;
- назорати риояи талаботи ва пешниҳоди тавсияҳо ба иштирокчиёни Озмун;
- баррасии пешниҳодҳо ва арзу шикояти иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати комиссия Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди ахбори дахлдор унвонии Ташкилот барои маълумот.

5.3. Комиссияи Озмун аз рӯи варақаи махсус баҳодиҳии иштирокчиёнро анҷом медиҳад. **(Замимаи №1)**

## 6. Баҳодиҳӣ ба иштирокчиёни Озмун

6.1. Баҳодиҳӣ ва арзёбии меъёрҳои иштирокчии Озмун аз рӯи варақаи махсус ё анкетаи махсуси пешниҳоднамудаи иштирокчии Озмун, санҷида мешавад. **(Замимаи №2)**

6.2. Маводҳои фиристодашуда аз ҷониби ҳайъати Комиссияи Озмун баррасӣ шуда, беҳтаринҳо интихоб мешаванд.

- Ҳайати Комиссияи Озмун, метавонад ба таври ихтиёрӣ номзадии чеҳраҳое, ки аз рӯи номинатсияҳои Озмун ба талаботҳо ҷавобгӯ бидуни пешниҳоди ҳуҷҷат пешбарӣ намояд.
- Ҳайати Комиссияи Озмун, инчунин метавонад ба таври ихтиёрӣ номзадии чеҳраҳое, ки аз рӯи номинатсияҳои Озмун ба талаботҳо ҷавобгӯ нестанд аз ҳайати иштирокчиён берун намояд.

## 7. Тартиби ташкили Озмун

7.1. Озмун дар 3 давр баргузор мегардад:

а) пешниҳоди ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва назарсанҷиҳо тавассути саҳифаҳои блогерон

б) пурсиш аз мардум дар ҷойҳои серодами шаҳр

в) пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тавассути худи иштирокчиён

7.2. Комиссияи озмун дар маҷлиси якум Раиси Коммисияи Озмун, муовини Раис, котиби Коммисия ва аъзоёни Комиссияи озмунро интихоб намуда, вазифаҳои онҳоро тасдиқ менамояд. Дар маҷлиси дуюм, баъд аз баррасӣ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи иштирокчиён оид ба ғолиби озмун қарори дахлдорро қабул менамоянд.

7.3. Қарорҳои қабулнамудаи Комиссияи озмун дар ҳолате ҳукми амал пайдо менамояд, ки агар ба тарафдории онҳо аз 3/2 ҳиссаи аъзоёни он овоз диҳанд.

## 8. Муҳлати баргузории Озмун

8.1. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати иштирок ва ҷамъбасти Озмун аз рӯзи эълони Озмун оғоз шуда то 20 ноябри соли 2024 идома меёбад.

## 9. Ҷамъбасти озмун

9.1. Ҷамъбасти Озмун дар асоси протоколи Комиссияи озмун бо назардошти холҳои бадастовардаи довталабон, пешниҳоди ҷомеъаи шаҳрпвандӣ муайян карда мешавад.

9.2. Дар Озмун барои баҳогузорӣ ба довталабон аз рӯи меъёрҳои муайян намудаи комиссияи Озмун (Замима мегардад) ба инобат гирифта мешавад:

9.3. Довталабе, ки аз рӯи ҷамъбасти холҳо нишондоди аз ҳама баландро дар як номинатсияи муайяншуда соҳиб мегардад, ғолиби озмун дониста мешавад;

9.4. Дар сурати холҳои баробар гирифтани ду ё якчанд довталаб собиқаи фаъолият ва ё фарогирии фаъолияти ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

9.5. Ғолибони Озмун дар асоси қарори Комиссияи Озмун (суратмаҷлис оид ба интихоби ғолибони озмун) интихоб шуда Фармоиши ҳавасмандии онҳо баровarда мешавад.

9.6. Ҷаласаи ҷамъбастии Комиссияи озмун баъди анҷоми мӯҳлати ҳуҷҷатсупорӣ баргузор гардида, дар он натиҷаҳои озмун тасдиқ карда мешавад.

9.7. Ҷаласаи Комиссияи озмун ҳамон вақт босалоҳият ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошанд.

9.8. Қарори Комиссияи Озмун бо овоздиҳии кушода қабул карда мешавад. Қарори Комиссияи Озмун дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, он аз тарафи Раис, муовин ва котиби он имзо карда мешавад.

9.9.Дар Озмун танҳо он ғолибони соли қаблӣ иштирок кардда метавонанд, ки дастовардҳои муҳими байналмилалӣ дошта бошанд ва Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда бошанд.

## 10. Муқаррароти хотимавӣ

10.1. Комиссияи Озмун ҳуқуқ дорад, ки довталабони дигарро бе пешниҳоди ҳуҷҷат барои гирифтани ҷоиза аз рӯи салоҳдиди худ барои иштирок дар Озмун пешбарӣ намояд.

10.2. Ҳангоми гузаронидани озмун аъзои комиссияи озмун ва гурӯҳи экспертӣ ӯҳдадоранд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро риоя намоянд.

10.3. Комиссияи озмун аризаи довталабро баррасӣ намуда, метавонад:

- дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани талаботи Низомнома даъвои довталабро қонеъ гардонад;
- дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба довталаб хаттӣ хабар диҳад.

## 11. Ҳавасмандгардонии ғолибони Озмун

11.1. Ғолибони озмун аз ҷониби Ташкилот ва сарпарастону шарикон дар шароити тантанавӣ бо туҳфаҳо сарфароз гардонида мешаванд.

11.2. Макон ва замони ҷоизасупорӣ иловатан ба иштирокчиён хабар дода мешавад.

**Маълумот дар бораи ташкил ва ҷамъбасти Озмун**

Маълумот оид ба ташкил ва натиҷаҳои Озмун дар сомонаҳои расмии ТҶБ "Маркази рушди зеҳнӣ" **www.cid.tj** инчунин саҳифаҳои иҷтимоии Facebook-Международная организация, Маркази рушди зеҳнӣ, Instagram-cid_tj ҷойгир гардида, тариқи ВАО низ эълон карда мешавад.

**Замимаи 1**
ба Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии
«100 чеҳраи муваффақ»

## Варақаи дархостии иштирокчии Озмуни ҷумҳуриявии «100 чеҳраи муваффақ»

| | |
|---|---|
| Ному насаб | |
| Вазифа ва ҷои кор | |
| Номинатсияи иштирок | |
| Биография ( бо нишон додани фаъолияти меҳнатӣ ва дастовардҳо) | |
| Нусхаи Шиноснома | |
| Нусхаи дастовардҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | |
| Расми электронӣ | |

**Замима: Танҳо нусхаи дастовардҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.**

Эзоҳ: Иштирокчии Озмун метавонад аз рӯи салоҳдиди худ, маълумоти вобаста ба дастовардҳои инфироди ё шахсии худро илова намояд.